Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

8 июни соли 2002. Шанбе № 43 (12786)
Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.00 имзо гардид.

## Президент дар Санкт-Петербург

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 6 июн ба Санкт-Петербург барои иштирок ба саммити сарварони давлатҳо-иштирокдорони Ташкилоти ҳамкории Шанхай (ТҲШ) рафт.

Ташкилоти мазкур, ки узви он Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Чин ва Россия ба ҳисоб мераванд, моҳи июни соли гузашта дар шаҳри Шанхайи Чин созмон ёфтааст.

Дар саммит иҷрои корҳое, ки дар доираи Ташкилоти ҳамкории Шанхай ба иҷро расонда шудаанд, масъалаҳое мавриди муҳокима қарор мегиранд, ки ба вусъати минбаъдаи шарикӣ байни мамлакатҳо-узви ТҲШ алоқаманд мебошанд. Ҳамчунин ба имзо расондани як қатор ҳуҷҷатҳо дар назар дошта шудааст.

✦✦✦✦✦✦✦

**6 июн. Санкт-Петербург. Мухбири махсуси ӮзА Анвар БОБОЕВ чунин хабар дод:**

— Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 6 июн ба шаҳри Санкт-Петербург барои иштирок ба саммити сарони давлатҳо-узви Ташкилоти ҳамкории Шанхай омад.

Дар майдони ҳавоии «Пулково-1»-и Санкт-Петербург сарвари мамлакатамонро губернатори шаҳр В.Яковлев ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Имрӯз мулоқоти Ислом Каримов бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар назар дошта шудааст.

**(ӮзА).**

## Гуфтугузори телефонӣ байни Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Президенти Бонки умумиҷаҳонӣ

5 июни соли 2002 гуфтугузори телефонии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов бо президенти Бонки умумиҷаҳонӣ Ҷеймс Вулфенсон ба амал омад.

Оидиислоҳотҳое, ки амалӣ мегарданд, рафти иҷрои аҳду паймонҳое, ки ҳангоми сафари Ҷ.Вулфенсон ба Ӯзбекистон моҳи апрели соли кунун ҳосил гардида буданд ва оиди тадбирҳо дар бобати амиқ гардондани ҳамкории байниҳамдигарӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## БА ҒАЛЛАКОРОНИ НОҲИЯҲОИ ҚИЗИРИҚ ВА ҶАРҚӮРҒОН

Дӯстони азиз!

Ҳамаи шумоёнро бо ғалабаи калони меҳнатӣ-тайёркунии 22 ҳазор тонна ғалла аз тарафи ҳар кадом ноҳия ва дар мамлакат аввалин шуда иҷро намудани ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз таҳти дил, самимона муборакбод менамоям.

Махсусан он далел хушнудкунанда мебошад, ки деҳқонони ноҳияи Ҷарқӯрғон, ки дар тӯли солҳои охир пешқадам мебошанд ва нисбати дигарон пештар марраи пешбинигардидаро фатҳ мекунанд, акнун ба онҳо ғаллакорони ноҳияи Қизириқ ҳам ҳамроҳ гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки асоси комёбиҳои баҳодурони саҳрои ин ноҳияҳо-ҳамсояҳо пеш аз ҳама дар деҳқонон боло гардидани ҳисси хӯҷаинӣ нисбати замин, манфиатдории онҳо аз меҳнаташон, дар деҳот собитқадамона татбиқ гардидани усулҳои замонавию пешқадами хоҷагидорӣ мебошад.

Ҳосили фаровоне, ки ба туфайли меҳнати сидқидилона ва мардонавор бартараф кардани душвориҳо ба даст омад, яъне аз ҳар гектар 47 сентнерӣ дар ноҳияи Ҷарқӯрғон, 45 сентнерӣ аз ҳар гектар дар ноҳияи Қизириқ, интихоб кардани навъҳои тухмии ғаллаи ба шароити иқлими воҳа хос, интихоби роҳи босамари тезу дуруст амалӣ гардондани тадбирҳои агротехникӣ ва ҳосилғундорӣ ҳамаи он бори дигар нишон медиҳад, ки имкониятҳои сарзамини саховатманди Сурхон то чӣ андоза бузург асту меҳнаткашони деҳоти вилояти мазкур барои ба рӯи об баровардани корҳои бузург қодиру қобиланд.

Ҳамаи моро он чиз хушнуд мекунад, ки ҷарқӯрғониён барои ба таври илова тайёр намудани 2000 тонна ғалла, деҳқонони қизириқӣ бошанд, ба 1600 тонна азму қарор кардаанд.

Аз мавриди истифода бурда, бори дигар ҳамаи шумоён-деҳқонони марду саховатқалб, лафзашон ҳалол, фермерон ва иҷоракорон, механизаторони моҳирро бо ин ғалабаи калон муборакбод мекунам, ба шумоён тани сиҳҳати мустаҳкам, ба хонадонатон сулҳу осоиштагӣ ва фаровониро таманно дорам.

Дастони заҳматкаши шумо асло дардро набинад! Ҳамеша хушбахт бошед, азизонам!

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

## Аввалин шуда

Ғаллакорони ноҳияҳои Ҷарқӯрғон ва Қизириқи вилояти Сурхондарё дар ҷумҳурият аввалин шуда ӯҳдадориҳои шартномавии худро аз рӯи тайёркунии ғалла ба иҷро расонданд. Ба анборҳои қабул ҷарқӯрғониён 22 ҳазор тонна, қизириқиён ҳам ба ҳамин миқдор ғалла супурданд. Ҳосилнокӣ дар ноҳияи якум аз ҳар гектар 47 сентнерӣ, дар дуюмаш 45 сентнериро ташкил дод. Ҳосил дар фурсати кӯтоҳ ҷамъ гардид.

Ҷарқӯрғониён барои захираи тухмӣ 1600 тонна, қизириқиён бошанд 800 тонна ғалла тайёр намуданд.

Дар ноҳияҳои мазкур маъракаи ғалладаравӣ давом дорад. Ҷарқӯрғониён аз паи ба давлат фурӯхтани боз ду ҳазор тонна, қизириқиён бошанд, 1600 тоннаи илова ба ӯҳдадорӣ мебошанд.

**(Хабарнигори мо).**

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ БА ТАРТИБ АНДОХТАНИ НАМУДҲОИ ҶУДОГОНАИ ШУҒЛ БО ФАЪОЛИЯТИ ТАДБИРГАРӢ

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи кафолатҳои озодӣ ба фаъолияти тадбиргарӣ» ва ба мақсади рағбатноксозии созмон додани корхонаҳои хурду миёна, ки асосашонро шакли хусусии амволдорӣ ташкил медиҳад, ба тартиб андохтани ба рӯи об баровардани фаъолияти тадбиргарии инфиродӣ бидуни созмон додани шахси ҳуқуқӣ Девони Вазирон қарор мекунад:

1. Феҳристи пешниҳодкардаи намудҳои ҷудогонаи фаъолият, ки мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ танҳо субектҳои тадбиргарӣ дар шакли шахси ҳуқуқии созмондода амалӣ мегардонанд, тасдиқ карда шавад.

Муайян карда шавад, ки бо дигар тамоми намудҳои боқимондаи фаъолияти тадбиргарие, ки ба феҳристи пешниҳодгардида дохил нашудаанду мувофиқи қонунгузории мавҷуда манъ нагардидаанд, шахсони ҷисмонӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида бидуни созмон додани шахси ҳуқуқӣ машғул шуда метавонанд.

2. Муқаррар карда шавад, ки сарварони Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо барои аз тарафи мақомоти ҳокимияту идораи маҳаллӣ қатъан риоя намудани Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи кафолатҳои озодӣ ба фаъолияти тадбиргарӣ» ва роҳ надодан ба даходати беҳудаи мақомоти назоратӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, барои фароҳам овардани шароити зарурӣ дар бобати рушди васеъ ба тадбиргарии хусусӣ ҷавобгар мебошанд.

3. Ба Вазорати адлия, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки якҷоя бо дигар идораҳои манфиатдор дар тӯли як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳоро дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш кунанд, ки аз қарори мазкур бармеояд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Азимов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон**
**И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
4 июни соли 2002.

***Замима ба қарори Девони Вазирон аз 4 июни соли 2002***

### ФЕҲРИСТИ НАМУДҲОИ ҶУДОГОНАИ ФАЪОЛИЯТ, КИ МУВОФИҚИ ТАРТИБИ МУҚАРРАРКАРДАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ТАНҲО СУБЪЕКТҲОИ ТАДБИРГАРӢ - ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ АМАЛӢ МЕГАРДОНАНД

| Т/Р | Номгузории намудҳои фаъолият |
|---|---|
| 1. | Харид ва фурӯши маҳсулот аз маъданҳои гаронбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва ё маҳсулоте, ки чунин маводҳо истифода гардидаанд |
| 2. | Тайёркунии мӯҳрҳо ва штампҳо |
| 3. | Ташкили меҳмонхонаҳо, отелҳо ва кемпингҳо |
| 4. | Расондани хизмат ба шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи сохтмони асосӣ, корҳои бинокориву васлгарӣ |
| 5. | Фаъолияти лоиҳакашӣ, лоиҳавиву конструкторӣ ва амалӣ гардондани ташхиси лоиҳаҳо ва сметаҳо |
| 6. | Фурӯши тамоми намудҳои маҳсулоти нафтӣ. |

## Омӯзиши Қонуни конститутсионӣ

***Дар Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд семинари навбатии илмиву амалӣ бахшида ба омӯзиши Қонуни конститутсионии «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ» ба амал омада, дар кори он кормандони Бунёди ҷумҳурии хайроти «Маҳалла», оқсақолони маҳаллаҳои шаҳри Тошканд, фаъолон ва олимон иштирок намуданд.***

Масъалаҳои омӯзиши Қонуни конститутсионӣ, таҳлили илмиву амалии он, тавзеҳи мазмуну моҳияти ислоҳотҳои ҳуқуқӣ дар байни оммаи васеи халқ, вусъати иштироки шаҳрвандон дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо дар хусуси парлумони дупалатагӣ, пурзӯр кардани таблиғи ҳуқуқӣ дар ин соҳа дар маркази диққату эътибори иштирокдорони семинар қарор гирифт.

Мушовири гурӯҳи корбастон оид ба қонунбарорӣ ва равобит бо мақомоти ҳокимияти судии Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Б.Тошев, доктороні илмҳои ҳуқуқшиносӣ З.Исломов, Ҳ.Бобоев, П.Абдумаҷидов ва дигарон дар семинар суханронӣ карда, зикр намуданд, ки натиҷаҳои раъйпурсӣ дар қонунмандӣ акс ёфтааст. Онҳо ҳамчунин дар бораи моҳияти Қонуни конститутсионӣ, аҳамияти он дар бобати таҳия намудани қонунҳои нав, нақши он дар ташкили ҳокимияти давлатӣ ва вазифаҳои умдаи самти мазкур сухан ронданд.

Дар семинар диққату эътибори асосӣ ба зарурати минбаъда баланд бардоштани дараҷаи маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар маҳалҳо, дар байни аҳолӣ тавзеҳ додани моҳияти парлумони дупалатагӣ, ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани корҳои тарғиботии ҳуқуқӣ нигаронда шуд.

**Б. НОРБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Боз як иди теннис

**Аз 8 то 16 июн дар Тошканд мусобиқаи анъанавии занон аз рӯи теннис таҳти унвони «Тошкент-Опен» ба амал меояд.**

Ба сарзаминамон боз як иди варзиш ворид гардид. Имрӯз дар маркази тенниси Тошканд байрақи мусобиқаи байналхалқӣ таҳти унвони «Тошкент-Опен» барафрохта мешавад. Созмондиҳандаи он ҳокимияти шаҳри Тошканд буда, маблағи мукофотиаш 140 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Маълум аст, ки дар он теннисбозон-занону духтарон аз саросари ҷаҳон ҳар сол иштирок мекунанд. Имсол ба Тошканд омадани теннисбозони номдор, аз қабили ғолиби соли гузашта Ламаде, Мария — Гайане Микаэлян, Татяна Пучек, Татяна Гарбин, Седа Ноорландер дар назар дошта шудааст.



Ба фикри созмондиҳандагон имсол ба мусобиқаи Тошканд омадани теннисбозони номдори ҷаҳон, аз қабили Еви Дирберги даниягӣ, Ангелика Рёчи олмонӣ, Эвиз Доминоковичи австриялигӣ, Клара Кукаловаи чехиягӣ барои боз ҳам пуршиддату шавқовар гузаштани он мусоидат мекунад. Боз як навигарӣ ҳамин аст, ки ба мусобиқаи «Тошкент-Опен» Динара Сафинаи шонздаҳсола ҳам меояд, ки ба арсаи тенниси касбӣ акнун қадам партофтааасту хоҳари аз ҳама хурдии теннисбози машҳури ҷаҳон Марат Сафин мебошад.

Дар мусобиқаи мазкур шарафи Ӯзбекистонро теннисбозони ҷавон Иванна Исроилова, Оқгул Амонмуродова, Варвара Лепченко ҳимоя мекунанд. Умед аст, ки онҳо дар ин ҳарбу зарби пуршиддат набудани теннисбози машҳурамон Ирода Тӯлагановаро маълум намекунанд. Зеро Ирода алҳол дар Вена дар мусобиқаҳои байналхалқӣ иштирок дорад.

Ҳамин тавр, тошкандиён ва меҳмонони сершумори он аз маҳорати баланди занон — теннисбозони машҳур баҳра бардошта, шоҳиди воҳӯриву мулоқотҳои сершумор бо ситораҳои тенниси ҷаҳон мегарданд.

**Хабарнигори мо.**

## БА ИШТИРОКДОРОНИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИЛМИВУ НАЗАРИЯВИИ «ИСЛОМ ВА ДАВЛАТИ ДУНЁВӢ-МАЪРИФӢ»

Меҳмонони мӯҳтарам!
Дӯстони азиз!

Шумоёнро аз дар яке аз гаҳвораҳои тамаддуни куҳан, дар диёри зебову нотакрори Ӯзбекистон, ки дар тӯли асрҳо намояндагони миллату динҳои мухталиф дар муҳити сулҳу салоҳ ва ҳамҷиҳатона умр ба сар мебаранд, дар сарзамини қадимаи Самарқанд муборакбод намудан бениҳоят мамнун ҳастам.

Аввало, ҳаминро зикр кардан лозим меояд, ки анҷумани мазкур, ки ба он олимони исломшинос аз мамлакатҳои мухталиф ташриф овардаанд, ба муносибатҳои дини муқаддаси мусалмонон ва давлатдории дунёвӣ-маърифӣ бахшида шуданаш аҳамияти калон касб мекунад.

Ҳоли ҳозир, вақте ки динҳои мухталиф, вакилони миллату қавмҳои гуногун, фарҳангу тамаддунҳо байни ҳам ба муколама даромада, дар бораи нигоҳ доштани ҳаёт, сулҳу осоиши инсон, зиндагонии озоду фаровони он мубориза мебаранд, дуруст ба роҳ мондани муносибатҳо байни дин ва давлатдории дунёвӣ дар бобати қарор ёфтани муҳити ҳамкорӣ ва ҳамҷиҳатӣ байни халқҳои ҷаҳон шарти муҳим гардидааст.

Зеро, имрӯзҳо дуруст дарк накардани нақшу аҳамияти дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба рӯҳияти миллионҳо-миллион одамон таъсири бевосита мерасонад, ба ҳам муқобил гузоштани арзишҳои динӣ ба мафҳумҳои тараққиёт ва дунёвӣ ба чӣ қадар оқибатҳои фоҷиавӣ оварда расонданаш гувоҳ шуда истодаем.

Алалхусус, пурзӯр гардидани ҳолатҳои манфӣ аз қабили истифода бурдани дини ислом ба мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ, барои ба даст овардани ҳокимият, ҳамчун силоҳи мафкуравӣ дохил кардани онҳо ба рӯзномаи кори анҷуман аз ҷиддӣ ва умда будани масъалаҳо, ҳаллу фасли муаммоҳои душвору ташвишоваре, ки имрӯзҳо айём дар наздамон пеш гузоштааст, аз зарурати ҳаётӣ буданаш далолат медиҳад.

Ба ҳамин маънӣ, ба пиндорам, дар сарзамини Ӯзбекистон гузаштани анҷумани байналхалқӣ, ки дар бобати давлатдорӣ ва муносибатҳои динӣ ба таърихи бой ва таҷрибаи калон соҳиб мебошаду дар шароити нав ана ҳамин таҷрибаи миллӣ дар созгорӣ бо арзишҳои умумибашарӣ рушд меёбад, оиди возеҳу равшан нишон додани моҳияти аслии дин, ғояҳои некхоҳиву инсонпарваронаи он боз як иқдоми муҳим мегардад.

Шумоёнро бори дигар хайра мақдам гуфта, ба ҳамаатон тансиҳҳатӣ, ба корҳои илмиатон ривоҷу равнақ, ба фаъолияти анҷуман барорҳо таманно дорам.

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

## Анҷумани байналхалқии илмиву назариявӣ

Дар Самарқанд анҷумани байналхалқии илмиву назариявии «Ислом ва давлати дунёвӣ-маърифӣ» шуда гузашт, ки созмондиҳандагони он бунёдҳои байналхалқии Имом Бухорӣ ва Фридрих Эберт (Олмон), ҳамчунин Донишгоҳи исломи Тошканд мебошанд. Дар кори он олимони номдор ва арбобони динӣе иштирок намуданд, ки аз Олмон, Фаронса, Британиёи Кабир, Россия, Туркия, Миср, Эрон ва дигар мамлакатҳо ташриф овардаанд.

Ба иштирокдорони анҷуман Матни муборакбодии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов хонда дода шуд.

Мақсади асосии анҷуман омӯзиши нақш ва аҳамияти дин, аз он ҷумла дини ислом дар ҷамъияти шаҳрвандии демократӣ, ҳамчунин таблиғи таҷрибаи Ӯзбекистон дар ин бобат мебошад.

Дар вазъи кунунии ҷаҳон барои таъмини амнияти сайёра ва пешомадҳои рушди инсоният муносибати мутақобила байни динҳо ва давлатҳо аҳамияти муҳим касб мекунад.

Яке аз вазифаи асосии дар сарзамини мо гузарондани анҷумани мазкур таъмини таҳаммули динӣ ва ризоияти байнимиллӣ дар Ӯзбекистон тавассути ҳамзистии осоиштаи давлати дунёвӣ ва дин, ҳамчунин дар он мебошад, ки мамлакати мо аз қадим маркази тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Рӯзи аввали анҷуман масъалаҳои фарқ [illegible]нондани рукнҳои ҳокимият дар соҳаи дунёвӣ ва динии Ғарбу Шарқ ба амал омадани давлати дунёвӣ муҳокима гардид. Оиди нисбат байни дунёвӣ ва динӣ дар исломи кунунӣ, доири масъалаҳои дин-ҳуқуқ ва давлат мубодилаи афкор ба амал омаданд.

Зарурати додани диққату эътибор ба тарҷумаву тафсири манбаъҳои динӣ зикр ёфт. Зеро нодуруст талқин гардидани онҳо метавонад ба таҳаммули динӣ ва ризоият зарар расонад.

Дар доираи анҷуман ҳамчунин маросими муаррифии китобҳои «Ӯзбекистон ислом обидалари» («Обидаҳои исломии Ӯзбекистон») ва «Ислом зиёси ӯзбегим сиймосида» («Зиёи ислом дар симои ӯзбек») ба амал омад.

**(ӮзА).**

*Шарҳи рӯзнома*

## Тамоми соҳаҳо бо технологияи замонавӣ

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз 30 маи соли кунун «Дар бораи рушди минбаъдаи бо компутерфарогирӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» пеш аз ҳама барои бо технологияҳои замонавӣ фаро гирифтани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, бархурдории аҳолӣ аз низоми замонавии иттилоотиву коммуникатсионӣ, минҷумла Интернет нигаронда шудааст. Мувофиқи Фармон ба мақсади ба вуҷуд овардани низоми миллии бо иттилоотфарогирӣ, оммавӣ татбиқ кардан ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои техникаи компутерӣ ва телекоммуникатсияҳо дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҳаёти иҷтимоӣ, пурра қонеъ гардондани талаби пайваста афзояндаи шаҳрвандон ба иттилоот, фароҳам овардани шароити мусоид барои ворид гардидан ба ҷомеаи иттилооти ҷаҳонӣ, вусъати бархурдор будан аз захираҳои иттилооти ҷаҳонӣ, заминаи миллии маълумотҳои замонавӣ таъмини боэътимодӣ ва бехавфии иттилоот, рушди бозори захираҳо ва хизмати иттилоотӣ, марҳила ба марҳила собитқадамона гузаштан ба шакли электронии иттилоот татбиқи технологияҳои замонавии компутерӣ ва иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, идора, бархурдор будани табақаҳои аҳолӣ аз компутерҳои замонавӣ ва низоми замонавии иттилоотӣ қабул гардидааст. Дар муассисаҳои таълимии ҳамаи дараҷаҳо ба ин масъала аҳамияти калон дода, тайёркунии кадрҳои баландмалака таъмин карда мешавад. Тамоми иҷрои ин корҳоро Кенгаши мутобиқгар оиди рушди бо компутер ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ фарогирӣ ба зиммаи худ мегирад, ки мақомоти олии мутобиқгар дар соҳаи рушди технологияҳои компутерӣ ва иттилоотиву коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Ба зиммаи Кенгаши мазкур таҳия намудани Барномаҳои мухталиф, ки мӯҳлати иҷрои онҳо то соли 2010 пешбинӣ гардидааст, гузошта шудааст ва он бешак фаъолиятро дар соҳаи мазкур ҷоннок мегардонад.

Мувофиқи Фармон Оҷонсии почта ва телекоммуникатсияи Ӯзбекистон ба Оҷонсии Ӯзбекистон оид ба алоқа ва иттилоот табдил дода шуд, ки он ҳамту тағйир ёфтани номи муассисаи мазкур нест. Мақсад аз он боз ҳам пурзӯр кардани ӯҳдадориҳо ва иҷро намудани вазифаҳои умдаест, ки мебояд Оҷонсии мазкур дар фурсати кӯтоҳ онҳоро ҳаллу фасл намояд. Вазифаи асосии оҷонсии мазкур пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани низоми миллии бо иттилоотфарогирӣ, татбиқ кардан ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои техникаи компутерӣ ва телекоммуникатсияҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ, пурра қонеъ гардондани талаби пайваста афзояндаи шаҳрвандон ба иттилоот, фароҳам овардани шароити мусоид барои ворид гардидан ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ ва вусъати бархурдор будан аз захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад.

Дар бораи ҳуҷҷати мазкур ҳарф зада, пеш аз ҳама бояд ба хотир овард, ки он идомаи мантиқии он роҳе мебошад, ки Ҳукумати ҷумҳурият пеш гирифтааст. Чунки ҳанӯз соли 1993 парлумони Ӯзбекистон қонуни пешниҳодкардаи ҳукуматро «Дар бораи бо иттилоотфарогирӣ» қабул кард. Дар айни замон дар ин бобат консепсияи бо иттилоотфарогирии ҷумҳурият низ қабул гардид. Соли 1994 бошад, парлумон қонуни дигари ҳукуматро таҳти унвони «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо барои МҲЭ ва заминаи маълумотҳо» соли 1994 қабул намуд. Соли гузашта бошад, аз тарафи парлумони Ӯзбекистон боз як қонуни муҳим дар соҳаи мазкур «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии тарҳҳои хурди интегралии топологӣ» низ қабул гардида, заминаи мустаҳками ҳуқуқиро дар ин бобат фароҳам овард. Баробари ин якчанд қарорҳои ҳукумат қабул гардиданд, ки амалӣ гардондани тадбирҳои зиёдеро дар байни солҳои 2001-2005 дар бар гирифтаанд.

Дар Фармони кунунии сарвари давлат муайян гардидааст, ки вазифаи муҳими аввалиндараҷа дар соҳаи мазкур ин дар ҷараёни таълим дар мактабҳо, коллеҷҳои касбу ҳунар, литсейҳои академӣ, донишгоҳҳои таълими олӣ татбиқ намудани низоми пешқадами таҳсилест, ки асосашро бояд ихтиёрдорӣ кардан ва фаъолона истифода бурдани компутерҳои замонавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ташкил диҳад. Бо назардошти он Донишкадаи алоқаи электронии Тошканд ба Донишгоҳи технологияи иттилоотии Тошканд мубаддал ёфт. Аз соли таҳсили 2002-2003 дар ин ҷо тайёркунии мутахассисон дар соҳаи таҳияи маҳсулоти барномавӣ, технологияҳои шабакавӣ, алоқаи радиотелефонии сайёр, тиҷорати электронӣ ва бехавфии иттилоот ба роҳ монда мешавад ва дар бобати ба рӯи об баровардани нуктаҳои фармони мазкур дар оянда нақши ҳалкунандаро мебозад.

Ҳамчунин мувофиқи фармон як қатор имтиёзҳо ба соҳаи мазкур дода шудааст. Корхонаҳои соҳа то 1 январи соли 2006 аз додани ҳаққи пардохти гумрукӣ, аз додани андоз ба арзиши иловагии маҳсулоту хизматрасонӣ озод карда мешаванд. Аз 1 июли соли кунун бошад, тартиби додани андози ягона ҷорӣ карда мешавад.

Алқисса, Фармони мазкури Президенти ҷумҳурият тамоми самтҳои бо компутерфарогирӣ, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро аз созмон додани заминаи маълумотҳои замонавии боэътимодӣ ва бехавфи миллӣ то тайёркунии кадрҳоро дар соҳаи мазкур дар бар гирифта, пеш аз ҳама ба шукуфониву пешрафти минбаъдаи мамлакат, яънеояндаи бузургу дурахшони Ӯзбекистон нигаронда шудааст.

## Пешгӯиҳо на ҳама вақт дуруст мебароянд

Давраи дуюми мусобиқаҳо барои ба даст овардани унвони қаҳрамони ҷаҳон дар гурӯҳҳо оғоз ёфт. Пеш аз он ки дар бораи натиҷаҳои он сухан ронем, лозим меояд дар бораи ҳарбу



зарбҳое, ки 4 ва 5 июн ба амал омаданд, фикру мулоҳизаҳои хешро баён созем. Маҳз ҳамин рӯзҳо дар гурӯҳҳо якчанд ҳангомаҳо ба амал омаданд. Аз он ҷумла тими Чин нобаҳангом аз тими Коста-Рика, ки дар гурӯҳ сусттарин ба ҳисоб мерафт, бо ҳисоби 0:2 мағлуб гардид. Тими ИМА бошад бар тими Португалия бо ҳисоби 3:2 ғолиб омад. Ҳол он ки дар ин гурӯҳ ҳамагон ҷои аввалро ба тими Португалия пешгӯӣ карда буданд. Мусобиқаи байни тимҳои Ҷопон ва Белгия якранг 2:2 анҷом ёфт. Тими Куриёи Ҷанубӣ бо тими Лаҳистон — яке аз даъвогарон ба ҷойҳои баланд воҳӯрда, бо ҳисоби 2:0 ғолиб омада, бо ҳамин дар байни намояндагони қитъаи Осиё аввалин шуда ғалабаро ба даст овард. Ҳарчанд 5 июн тими Россия аз болои дастаи футболбозони Тунис бо ҳисоби 2:0 ғолиб омада бошад ҳам, вале дар бозии онҳо ҳамҷиҳатӣ ба назар нарасид ва нишон дод, ки агар россиягиён дар мусобиқаҳои минбаъда тактикаи тӯбронии худро тағйир надиҳанд, дар он сурат аз соҳибони майдон - тими Ҷопон ба монеаи сахт дучор мегарданд ва кадоме аз ин тимҳо дар ин ҳарбу зарб ғалаба кунад, дар он сурат роҳ ба мусобиқаҳои ҳаштякфиналӣ боз мегардад.

Тими Олмон, ки мусобиқаи аввалро ба осонӣ бо ҳисоби 8:0 бар тими Арабистони Саъудӣ анҷом дода буд, ҳангоми воҳӯрӣ ба ирландиягиён ба хотирҷамъӣ роҳ дод. Ва дар дақиқаи охирин ирландиягиён ба дарвозаи олмониҳо тӯб даровада, бо ҳамин ба орзуи олмониён пеш аз мӯҳлат роҳхат гирифтан ба мусобиқаи 1/8 финалӣ монеъ гардиданд.

6 июн тимҳои Дания ва Сенегал, Камирун ва Арабистони Саъудӣ, Фаронса ва Уругвай бо ҳам воҳӯрданд. Барои ҳар як тим ғалаба чун обу ҳаво зарур буд. Алалхусус барои қаҳрамонони охирини ҷаҳон аз рӯи футбол — тими Фаронса. Ҳарчанд қаҳрамонони ҷаҳон саъю кӯшиш намуданд дар бозӣ ҳисоб кушода нашуд. Уругваиён ҳарчанд дар ин бозӣ як нафар зиёд ҳаракат карда бошанд ҳам, қулфи дари дарвозабони Фаронсаро кушода натавонистанд ва тимҳо як холӣ ба даст оварда, вазъи бе ин ҳам душвори худро душвортар гардонданд. Зеро тимҳои Данияву Сенегал, ки дар мусобиқаи аввал ғолиб омада буданд, бозиро якранг намуда, бо чор холӣ пешсафи гурӯҳи худ гардиданд. Акнун ҳам ба тими Фаронса, ки бо Дания вомехӯрад ва тими Уругвай, ки бо сенегалиён ба майдон мебарояд, танҳо ғалаба бо ҳисоби калон роҳро барои давом додани мусобиқаҳо боз намуданаш мумкин аст. Дар ин ҷо бозии хуби сенегалиёнро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Онҳо дар амал нишон медиҳанд, ки беҳуда тими Фаронсаро мағлуб накардаанд. Намояндаи дигари Осиё тими Арабистони Саъудӣ ҳангоми воҳӯрӣ бо тими Камерун сахт муқовимат нишон дод ва камеруниён дар қисми дуюми воҳӯрӣ як тӯб даровада, ғалабаи худро таъмин карданд. Камерун чун тими Олмон соҳиби чор хол мебошад ва дар даври навбатӣ ин тимҳо ба ҳам рӯ ба рӯ мегарданд. Дания, ки соҳиби ду хол мебошад, бо тими Арабистони Саъудӣ вомехӯрад. Танҳо ғалаба ба ирландиягиён, ба шарте, ки Олмон ва ё Камерун мағлуб гарданд, роҳро ба 1/8 финал боз намуданаш мумкин аст.

Дирӯз тимҳои Испониё-Парагвай 3:1, Шветсия-Нигерия 2:1 бо ҳам воҳӯрданд. Азбаски бозии Англия Аргентина дер анҷом ёфт, натиҷаи онро баён накардем.

Имрӯз тимҳои ҶАҶ — Словения, Бразилия — Чин, Италиё — Хорватия, 9 июн тимҳои Коста-Рика — Туркия, Мексика — Эквадор, Россия — Ҷопон вомехӯранд ва дар хусуси натиҷаҳои онҳо дар шумораиояндаи рӯзномаамон нақл хоҳем кард.

Алқисса, рафти ҳарбу зарбҳо нишон медиҳанд, ки ба мусобиқоти навбатии ҷаҳон аз рӯи футбол тимҳои пурқуввате ҷамъ шудаанд ва аз ҳар кадоми онҳо натиҷаҳои нобаҳангомро мунтазир шудан мумкин асту тамоми пешгӯиҳоро барбод медиҳанд.

**(Мухбири худамон).**

# Тағйиротҳои назаррас

## Ё худ нақл дар бораи дигаргуниҳое, ки дар тӯли ду сол дар воситаҳои ахбори оммавии вилояти Ҷиззах рӯй додаанд

Маҷлиси Кумитаи Олии Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот ба амал омада, таҳти сарпарастии раиси он Ӯткир Ҳошимов гузашт. Дар кори он сармуҳаррирони рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриву вилоятӣ, шаҳрӣ, сарварони телевизиону радио, аъзоёни Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот паёмнигорон иштирок намуданд.

Раиси кумита Ӯткир Ҳошимов ҳангоми ифтитоҳи маҷлис зикр намуд, ки аъзоёни Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот ду сол муқаддам дар вилояти Ҷиззах шуда, рафти иҷрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи воситаҳои ахбори оммавӣ», «Дар бораи ҳимоя кардани фаъолияти паёмнигорӣ»-ро санҷида, онро дар маҷлиси кумита муҳокима намуда, қарор қабул карда буданд. Яъне 6 апрели соли 2000 қарори Кумитаи Олий Маҷлис доир ба ин масъала муҳокима гардида, тавсияҳо пешкаш ёфта, таклифҳо пеш гузошта буданд. Дар маҷлиси имрӯза бошад, рафти иҷрои ана ҳамин қарор мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ҷонишини ҳокими вилояти Ҷиззах Сарвар Абдуллоев сухан гирифта, пеш аз ҳама диққату эътибори ҳозиринро ба тағйиротҳои назаррасе ҷалб сохт, ки дар тӯли ду соли охир дар вилояти Ҷиззах аз рӯи амалӣ гардондани қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи воситаҳои ахбори оммавӣ» ва «Дар бораи ҳифзи фаъолияти паёмнигорӣ» ва қарори Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттиилоот аз 6 апрели соли 2000 рӯй додаанд.

— Баъди қабул гардидани қарори 6 апрели Кумитаи Олий Маҷлис филфавр қарори ҳокими вилояти Ҷиззах аз санаи 16 май эълон гардида, якчанд тадбирҳо оид ба барҳам задани камбудиву хатоиҳо пешбинӣ гардида буданд, — суханашро давом дод ҷонишини ҳокими вилоят. — Аз он ҷумла, оиди зиёд кардани миқдори обунаи нашрияҳои вилоятиву ноҳиявӣ, шаҳрӣ, бо техника ва технологияи пешқадам таъмин кардани нашриётҳо, бо маблағфарогирии нашрияҳо, аз ҷиҳати моддиву маънавӣ рағбатноксозии кормандони соҳаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ, беҳтар кардани кори телевизион ва радиои вилоят, пурзӯр гардондани таъсирбахшии маводҳои воситаҳои ахбори оммавӣ тадбирҳо пешбинӣ карда шуданд ва дар тӯли ду соли сипаришуда аксари онҳо ҷомаи амал пӯшида, натиҷаи назаррас бахшиданд.

Ҷонишини ҳокими вилоят барои исботи фикри худ далелҳои мушаххасеро ба забон гирифт. Минҷумла, алҳол дар вилоят 20 рӯзнома, 1 маҷаллаи соҳавӣ, 2 телестудия ва як шабакаи радиошунавонӣ кор мекунад ва он нисбати ду сол бештар аст. Воситаҳои ахбори оммавӣ дар як навбат бо 37 ҳазор нусха рӯи чопро мебинанд. Ҳол он ки ин нишондиҳанда ҳамагӣ ба 15 ҳазор нусха баробар буд. Рӯзномаи ҳокимияти вилоят «Ҷиззах ҳақиқати» алҳол бо чордаҳ ҳазор нусха чоп мегардад. Соли 2000-ум бошад, теъдоди чопи он ба қариб панҷ ҳазор адад баробар буд. Баробари рӯзномаҳои вилоятиву шаҳрӣ вазъи рӯзномаҳои ноҳиявӣ ҳам беҳтар гардид, ки онро далели мазкур ҳам исбот мекунад. Рӯзномаи ҳокимияти ноҳияи Фориш ду сол муқаддам ҳамагӣ бо 250 нусха чоп мегардид. Алҳол теъдоди он ба қариб ду ҳазор адад расидааст. Умуман миқдори обунагарон дар Ҷиззах 2-3 баробар афзудааст.

14 рӯзнома бо усули офсет рӯи чопро мебинад ва он низ нисбати соли 2000 аз ҷиҳати миқдор хеле зиёд гардидааст.

Ҳокимиятҳои вилоят, шаҳру навоҳӣ барои аз нигоҳи молиявӣ ҷонибдорӣ кардани нашрияҳои худ диққату эътибори худро пурзӯр карданд. Аз он ҷумла ҳокимияти вилояти Ҷиззах барои беҳтар шудани кори нашрияҳои худ ба андозаи 47 миллион сӯм кӯмак расонд. Телевизиони вилоятӣ бошад, аз қариб 3 миллион сӯм кӯмакпулӣ баҳра бардошт. Баробари ин барои зиёд кардани ҳаққи калами рӯзномаҳои ноҳиявӣ ғамхории калон зоҳир карда мешавад.

Ва ин қабил ғамхориҳо кормандони соҳаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори оммавии вилоятро рӯҳбаланд гардонда, барои шавқовару нишонрас гардидани нашрияҳои худ водор сохт. Аз ин рӯ паёмнигорон ба вазифаи худ пурмасъулиятона муносибат карда, алҳол дар бобати амиқ гардидани ислоҳот дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, решакан кардани камбудиву хатоҳо нақши калоне мебозанд. Дар ҳамаи рӯзномаҳо ва радиову телевизион рукни доимии «Тафтиши паёмнигорӣ» пайдо гардида, дар онҳо мавзӯъҳои муҳими рӯз мавриди таҳқиқ ва танқид қарор гирифта, пеш аз ҳама барои афзун гардидани майлу шавқи муштариён сабабгор мешаванд. Дар ин муддат чоп гардидани беш аз сад мавод дар ин бобат гувоҳӣ медиҳад.

Мувофиқи талаби моддаҳои қонунҳо шахсони мансабдор, курсинишинон ба маводҳои танқидии воситаҳои ахбори оммавӣ сари вақт ҷавоб медиҳанд. Ин бошад, дар бобати боз ҳам баланд гардидани таъсиррасонии воситаҳои ахбори оммавӣ нақши калоне мебозад.

Ҳарчанд дар вилоят дар тӯли ду соли охир тағйиротҳои назаррас рух дода бошанд ҳам, вале тамоми талабҳои қарори Кумитаи Олий Маҷлис пурра иҷро нагардидаанд. Аз он ҷумла масъалаи ба усули офсетӣ пурра гузарондани рӯзномаҳо ҳаллу фасли пурраи худро наёфтааст. Рӯзномаҳои «Арнасой тонги», «Ғаллаорол овози» ва «Мирзоҷӯл овози» ҳамоно заминаи дурусти матбаавӣ надоранд, аҳволи чопи онҳо ноҷор мебошад. Дар баъзе рӯзномаҳои ноҳиявӣ ҳаққи қалами паёмнигорон паст мебошад. На ҳамаи курсинишинон ба баромадҳои воситаҳои ахбори оммавӣ сари вақт ҷавоб мегардонанд. Ба ин то ҳол 20 фоиз ҷавоб нагирифтан аз рӯи баромадҳои воситаҳои ахбори оммавӣ мисоли равшан шуда мсетавонад. Минҷумла ба мақолаи танқидие, ки мухбири «Ҷиззах ҳақиқати» У.Одилов таҳти унвони «Касални яширсанг...» чоп кунондааст ба вақти зиёд гузаштанаш нигоҳ накарда, на ҳокимияти ноҳияи Ҷиззах ва на прокуратураву дигар мақомоти ҳифзи қонуну тартибот ҷавоб гардондаанд. Ҷиҳозоти техникии на ҳамаи рӯзномаҳо, телевизион ва радиои вилоят мувофиқи талаби замон мебошад.

Баъди суханронии чанд вакилони халқи Олий Маҷлис ва мубодилаи афкор байни иштирокдорони маҷлис Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот қарори дахлдор қабул карда, ба ҳокимияти вилоят, ташкилотҳои мутасаддӣ тавсияҳои худро оид ба барҳам задани камбудиву хатоиҳои мавҷуда дод. Ва амалӣ гардондани онҳо бешак барои боз ҳам таъсирбахшу хоно ва шавқовар гардидани воситаҳои ахбори оммавӣ, пайваста афзудани теъдоди ҳаводорони онҳо мусоидат хоҳад кард.

**Т. ЭҲСОН.**



# Ободу зебо мегардад

То ба қарибиҳо дар соҳилҳои обанбори Чорвоқ ба миқдори зиёд сохтмонҳои нотамомро мушоҳида мекардед. Онҳо мебоист хонаҳои истироҳат ва пансионатҳо мегардиданд. Акнун ин обектҳо ба бар либоси нав гирифта, корҳои бунёдкорӣ суръати баланд пайдо мекунанд ва ин иншоотҳоро муассисаву ташкилот, корхонаҳои мухталиф месозанд.

Табиати мафтункор, оби мусаффо ва ҳавои софи ин маскан бисёриҳоро мафтуни худ гардондааст. Алалхусус сокинони шаҳри Тошканд ҳамин ки вақти мусоид ёфтанд, ба оғӯши табиат, ба ин маскани зебо роҳ пеш мегиранд, то ки ҳам истироҳат кунанду ҳам саломатиашонро барқарор созанд.

Ба туфайли қабул гардидани қарорҳои ҳукумат миқёси бунёдкорӣ васеъ гардид. Дар қарорҳои мазкур тадбирҳо оид ба нигоҳ доштани сарватҳои табиии ин макон ва рушди низоми солимгардониву истироҳат дар минтақаи истироҳатии Чимён-Чорвоқ пешбинӣ гардидаанд ва онҳо алҳол ҷомаи амал мепӯшанд.

Дар қад-қади соҳилҳои обанбори Чорвоқ иншоотҳои нави таъиноти солимгардонӣ, боғҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Алалхусус, корхонаҳои калонтарини ҷумҳурият аз саросари Ӯзбекистон дар ин ҷо пансионату хонаҳои истироҳати худро қад мекашонанд. Минҷумла, пансионатҳои «Горняк»-и Комбинати маъдани кӯҳии Навой, Комбинати маъдани кӯҳии Алмалиқ сохта мешаванд ва корҳои бунёдкориро аҳли меҳнати раёсати бинокории Зарафшон, раёсати сохтмони «Ташгрэсстрой» бо суръати баланд давом дода, дар рӯзҳои наздик ба истифода супурда мешаванд.

Алқисса, корҳо дар бобати ба мавзеи калони истироҳатӣ табдил додани соҳилҳои обанбори Чорвоқ суръати баланд пайдо кардаанд.

**Дар суратҳо:** 1. Намуди умумии сохтмони пансионати Комбинати маъдангудозии Алмалиқ. 2. Бинокорони раёсати «Ташгрэсстрой» **М.ЭРГАШЕВ, М.РАҲИМБОЕВ, А.ФАЙЗИХӮҶАЕВ, П.АЛИМОВ.**

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**



# Натиҷаҳои хушнудкунанда

***Дар Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон ҷамъомади навбатии саҳҳомон бахшида ба ҷамъбасти натиҷаҳои соли гузашта ва се моҳи соли кунун ба амал омад. Аз рӯи ин масъала маърӯзаи иҷрокунандаи вазифаи раиси раёсати Ҷамъияти саҳҳомии «БҶМАӮ» (УЗРТСБ) Набихон САМАТОВ шунида шуд.***

Соли гузашта ва се моҳи соли кунун барои аҳли меҳнати биржа пурбаракот буд ва аз ин рӯ натиҷаҳои баланд ба даст омаданд. Биржаи мазкур аз таркиби Ширкати саҳҳомии «Ӯзулгуржисавдо» бароварда, ба сохтори мустақил табдил ёфт. Биржаҳои молу ашёи хоми ҳудудӣ аз нав созмон дода шуда, марказҳои замонавии биржавии дорои техникаву асбобу ускунаи навтарин ба фаъолият шурӯъ намуданд. Маблағи оинномавӣ то 2,5 миллиард сӯм расонда шуд, ки 25 фоизашро ҳиссаи давлат, 61 фоизашро ҳиссаи фурӯши озод, 14 фоизашро ҳиссаи сармоягузорон ташкил дод. Майдончаҳои савдои Биржаи ҷумҳурӣ оид ба фурӯхтани маҳсулоти маъданӣ, ҷӯбу тахта, масолеҳи бинокорӣ ташкил гардида, муовизаи мол танҳо дар бадали чор моҳ 12,8 миллиард сӯмро ташкил дод. Низоми ягонаи электронии савдои биржавӣ ба вуҷуд оварда шуда, он ба намояндагони соҳибкории хурду миёна, алалхусус тадбиргарон, дар бобати бомуваффақият амалӣ гардондани ҷараёнҳои воридотиву содиротии тиҷоратӣ нақши калоне мебозад.

Инфрасохтори нави биржа — Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Биржасервисмарказ» ба вуҷуд оварда шуд, ки дорои анборҳои консигнасионнӣ, терминали гумрукӣ мебошаду шабакаи мағозаҳои худфурӯшии хурдро созмон дода, вусъат медиҳад. Корхонаи фаръии «Ӯзауксионсавдо» ҳам дар бобати фурӯши маҳсулот бо асъори озодтабодул нақши муҳиме мебозад. Соли гузашта тавассути шабакаҳои он ба ҳукми ширкатҳои хориҷӣ ба андозаи 6,8 миллион доллари ИМА нахи пахта, миси тозагардида, бензини автомобил, прокати маъдани сиёҳ, хокаи мис пешкаш карда шуд.

Таҷдиди биноҳои Маркази биржавӣ ва марказҳои савдои музояда ба анҷом мерасанд.

Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонӣ маблағро барои ба вуҷуд овардани низоми электронӣ, тармим ва азнавҷиҳозонии техникии бахшҳои ҳудудӣ, ҳамчунин ба таҷдиди биноҳову бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳазонидани онҳо пешкаш намуд. Ва он натиҷаи хушнудкунанда бахшид. Танҳо соли гузашта дар савдоҳои биржавӣ аз тарафи Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон («БҶМАӮ») 6439 қарордод ба имзо расид, ки 1478-тоаш содиротӣ, 1411-тоаш воридотӣ, 614-тоаш фючерсӣ, 2936-тоаш дохилӣ мебошад. Ва маблағи умумии он ба 157,5 миллиард сӯм баробар буда, нисбати соли 2000-ум 2,4 маротиба зиёд аст. Фирмаҳо ва ширкатҳои беш аз 50 мамлакат, аз қабили Россия, ИМА, Эрон, Британиёи Кабир, Туркия, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, ҶМҶ шарикони асосии тадбиргарони ӯзбекистонӣ гардидаанд.

Дар айни замон фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ӯзбекистон доир ба Биржаи ҷумҳурӣ на аз рӯи ҳамаи бандҳояш иҷро гардидаанд ва пурра созгори замон нашудаанд ва дар ин бора мебояд фаъолияти доманадоре пеш бурда шавад.

Дар ҷамъомад ҳисоботи комиссияи тафтишот аз рӯи натиҷаҳои сол ва хулосаи тафтиши аудиторӣ тасдиқ гардид. Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

**(Мухбири худамон).**

*Қонун ва иҷро*

# Ҷои гурез нест

Дар маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки 14 феврали соли равон «Оиди ҷамъбасти соли 2001» баргузор гардид, оид ба истифодаи босамари гази табиӣ эътибори алоҳида дода шуд.

Аз ин рӯ дар прокуратураи шаҳри Гулистон барои пешгирии қонунвайронкунӣ, истифодаи ғайриқонунии гази табиӣ ва сари вақт ҳал намудани муаммоҳои ин соҳа як қатор корҳои амалӣ ба анҷом расида истодааст.

Идораи «Гулистоншаҳргазтаъминот» ба 17658 хонадони дар ҳудуди шаҳр воқеъбуда гази табиӣ расонида медиҳад ва барои рӯёнидани ҳақи газ бо 16 кумитаи маҳалла шартнома бастааст.

Мувофиқи санҷиши моҳи апрел гузаронидашуда ба 12 нафар тадбиргар ва 31 нафар шахсони алоҳида парвандаи ҷиноиву маъмурӣ кушода шудааст. 27 нафар шахси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидашуда нонвойхона, 11 нафар ошхона, 5 нафарашон дигар корхонаҳои ғайриқонунӣ кушода аз гази табиӣ бе рухсат ва қатъи назар аз қонун истифода бурдаанд. Дар натиҷаи ин қонунвайронкуниҳо ба давлат 786735 сӯм зарар расонида шудааст. Пас аз дахолати кормандони прокуратура ин зарар пурра рӯёнида шуд ва аз айбдорон ба миқдори 188500 сӯм ҷарима пардохтанд. Аз ҷумла ба шаҳрвандон Мирзоҳид Сайфуддинов, Маҳбуба Умматқулова ва Б. Баротовҳо лозим омад, ки барои истифодаи ғайриқонунии гази табиӣ дар назди қонун ҷавоб диҳанд.

Ғайр аз ин дар вақти тафтиш маълум гашт, ки кормандони идораи газ низ «қадами беҷо» гузоштаанд. Шаҳрванд Баҳром Ҷӯраев аз 18 январи солӣ 2001 то 1 ноябри ҳамон сол дар идораи «Гулистоншаҳргазтаъминот» ба вазифаи назоратчӣ кор кардааст. Ин назоратчии корчаллон дар муддати нисбатан кӯтоҳ аз маблағи барои ҳақи газ супоридаи аҳолӣ 559340 сӯмро азхуд кардааст. Назоратчиёни ҳамин идора Э. Холбеков ва А. Шералиев низ аз ҳамкоронашон Баҳром Ҷӯраев «ибрат» гирифта ба пули давлат чашм «ало» кардаанд. Ин се назоратчӣ 1210333 сӯми давлатро талаву тороҷ намудаанд. Имрӯз онҳо низ фаҳмиданд, ки умри фиреб кӯтоҳ аст, ва аз қонун ҷои гурез нест.

**Т. САНГИНОВ,**
**мушовири адлияи прокурори шаҳри Гулистон.**
**Т. БОҚӢ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сирдарё.**

# Профессураю дотсентура ва ҷамъияти шаҳрвандӣ

Ҷамъияти кушод онест, ки дар он адолат на як падидаи нодир, балки ҷиҳати ба худ хоси афкори гуногун, ҷонибҳо ва манфиатҳои мухталиф мебошад.

Дар ҷамъияти кушод қабул ва тарғиби гуногунфикрӣ дар ҷамъияти демократӣ хусусияти хоси он мебошад. Зербинои ҷамъияти кушод давлат мебошад, ки дар он қонун аз ҳама авло буда ҷамъияти кушоди фаъол ва бомасъулияте, ки сохтори фарҳанг ва афкори ҳар гунаро кафолат дода ва пуштбонӣ карда метавонад, мебошад.

Ҷамъияти шаҳрвандӣ ин ҷанбаи ҳаёти сиёсӣ буда гурӯҳ ва ашхоси худсозмондеҳ, ки нисбат ба давлат мухторият дошта арзишҳои худро барои арз кардан кӯшиш намуда, иттиҳодияҳо созмон дода манфиатҳои худро барои дифоъ намудан кӯшиш менамояд.

Се асоси умдаро дар таъсир ба ҷараёни созмон додан ва рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ ишора кардан мумкин: 1) Мулки хусусӣ 2) Иқтисодиёти бозори озод. 3) Давлати демократӣ.

Инчунин се шарти ҷамъияти шаҳрвандӣ вуҷуд дорад: 1) Озодии иҷтимоӣ 2) ошкорбаёнӣ. 3) қонунмандӣ ва кафолати Конститутсионӣ ва ҳуқуқи ҷамъияти фардӣ барои мавҷудият.

Ҳоло се сол аст, ки дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Қонун дар бораи созмонҳои ҷамъиятӣ ва ғайритиҷоратӣ амал мекунад.

Мақсади он ба роҳ гузоштани муносибати фаъолияти Созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ ва инчунин созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ, намояндагӣ ва бахшҳои созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ ва танзими он дар ҳудуди ҷумҳурияти Ӯзбекистон мебошад.

Яке аз чунин созмонҳои байналмилалӣ Институти ҷамъияти кушод — Бунёди ҳамоҳангӣ — Ӯзбекистон ба номи Ҷорҷ Сорос мебошад, ки аз соли 1996 намояндагии он фаъолият нишон медиҳад. Ба қарибӣ ин бунёди хайрия семинареро бо унвони «Консепсияи ҷамъияти шаҳрвандӣ: таърих ва имрӯз» доир кард. Тақрибан 20 нафар профессорон, дотсентҳо ва дигар устодони мактабҳои олии Тошканд дар он ширкат доштанд. Доктори фалсафаи Донишгоҳи Бирмингем (Британияи Кабир), доктори фалсафа аз ҳамон Донишгоҳ Майкл Андерсен ва дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон Виктория Ливинская маърӯзахонҳои ин семинар буданд. Мавзӯъҳои консепсияи ҷамъияти шаҳрвандии Ғарб, фалсафаи консепсияи ҷамъияти шаҳрвандии Осиёи Марказӣ, ҷараёнии демократисозӣ дар Урупои Шарқӣ ва таъсири он ба ташаккул ёфтани ҷамъияти фардӣ, ҷараёни Демократисозӣ дар кишварҳои собиқи шӯравӣ ва таъсири он ба ташаккулёбии ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ҳалли сулҳомезӣ муноқишот буд.

Семинар хеле хуб созмондиҳӣ шуд ва иштирокдорон аз он худ баҳра бардоштанд, ки дар кори амалиашон муфид хоҳад буд.

**Х. САМАДОВ,**
**дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд.**

# Навигариҳои вилояти Наманган

## Корвони кирмакпарварон

**ТОШБУЛОҚ.** Кирмакпарварони ноҳияи Наманган соли ҷорӣ аз пилла ҳосили фаровон рӯёнданд. Бинобар истифодаи усули пешқадам — дар зери пардаи сунъӣ парвариш намудани кирмак ҳосил нисбат ба солҳои пешина 10-15 рӯз барвақттар пухта расид. Кирмакпарварони ноҳия ба давлат 257 тонна ашёи хоми гаронбаҳои саноатӣ фурӯхта, супориши шартномавиро барзиёд адо намудаанд. Дар комёбии ба даст омада саҳми кирмакпарварони хоҷагиҳои ширкатии «Ғайрат» ва «Ипакчилик», ки аз ҳар як қуттӣ 65-75 килограммӣ ҳосил бардоштаанд, хеле калон аст.

**УЧҚӮРҒОН.** — Технологияи пешқадами андиҷониён самараи хуб бахшид, — мегӯянд кирмакпарварони ноҳияи Учқӯрғон. Аввало, нашъунамои кирмак аз усули анъанавӣ зудтар сурат гирифта бошад, баъдан, манбаи асосии озуқаи он — барги тут сарфакорона истифода гардид. Кирмакпарварони ноҳия ба пунктҳои қабул беш аз 202,7 тонна пиллаи хушсифат супурда, супориши шартномавиро пеш аз мӯҳлат иҷро карданд. Ҳосилнокӣ аз ҳар як қуттӣ дар ноҳия 51,9 килограммиро ташкил намуд.

**ПОП.** Кирмакпарварони ноҳияи Поп ҳам ба давлат беш аз 165 тонна ашёи хоми пурқимати саноатӣ армуғон намуда, марраи нахустини солро зафармандона фатҳ намудаанд. Кирмакпарварони хоҷагиҳои ширкатии «Водий» ва «Ғурумсарой», ки аз ҳар як қуттӣ 55-56 килограммӣ ҳосили пилла рӯёнидаанд, ба ғалабаи умумӣ ҳиссаи муносиб гузоштаанд.

Кирмакпарварони ноҳияи Мингбулоқ ҳам 82 тонна пиллаи аълосифат тайёр намуда, супориши шартномавиро сарбаландона иҷро кардаанд.

## Сиҳатгоҳи нав

**КОСОНСОЙ.** Дар соли 2002-юм, ки соли эъзози куҳансолон эълон гардидааст, барои нуроние̇н дар ноҳия боз як қулай фароҳам оварда шуд. Чанде пеш дар канори рӯди кӯҳии Косонсой, дар ҷои зебоманзари табиат боз як маскани нави шифо — сиҳҳатгоҳ-санаторияи собиқадорони ҷангу меҳнат дарҳои худро ба истироҳаткунандагон боз намуд.

Барои бунёди навбати аввали санатория, ки ба қабули 75 нафар истироҳаткунанда пешбинӣ шудааст, 400 миллион сӯм харҷ гардидааст.

Сиҳатгоҳро бинокорони фирмаҳои хусусии «Тоҳиршер» бо кӯмаки фирмаҳои «Асри XXI» ва «Тарҳ» бунёд намуданд. Сиҳатгоҳ аз бинои муолиҷавию истиқоматӣ, ошхона барои 200 мизоҷ, амфитеатр, ҳавзи шиноварӣ ва боғи 8 гектара иборат буда, барои пиронсолон тамоми қулаиҳо фароҳам оварда шудааст. Баъди бунёди навбати дуюми сиҳатгоҳ дар он дар як вақт 120 нафар собиқадорони ҷангу меҳнат истироҳат карда метавонанд.

Дар расми ботантанаи ифтитоҳи сиҳҳатгоҳи нав вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон О.Обидов ва ҳокими вилояти Наманган Т.Ҷабборов иштирок намуданд.

**А. НУРИДДИНОВ.**

# Ба боварии мардум сазовор бошем

Соли 2001-ум фармони Президенти кишварамон Ислом Каримов «Ислоҳ кардани соҳаи нигаҳдории тандурустӣ» интишор ёфта буд. Аз интишори қарор муддати зиёд нагузашта бошад ҳам, дар роҳи амалӣ гаштани он як силсила корҳо ба сомон расиданд. Аз он ҷумла дар ноҳияи Бойсун низ оид ба иҷрои ин қарор корҳои муҳим бурда шуданд.

Бо роҳбарии ҳокими ноҳия Тӯрақул Ҳамроев дар ноҳия беморхонаи ёрии таъҷилӣ, ки дар вилоят аввалин аст, ташкил карда шуд. Дар таъмири замонавии он зиёда аз 23 миллион сӯм масраф гардид. Барои таъҷилан ба кор омода намудани ин беморхона зиёда аз 60 ташкилоту корхонаҳо ҳиссаи хешро ҳамроҳ намуданд. Хоҷагиҳои «Работ», «Дарбанд» ва «Бойсун» зиёда аз як миллион сӯм ёрӣ доданд. Беморхона бо асбобу ҷиҳозҳои замонавӣ муҷаҳҳаз карда шуд. Дар тӯли фаъолияти беморхона зиёда аз 1300 нафар дар ин ҷо табобат гирифтаанд. Дар роҳи омода гаштани ин қарор баҳри ҳифзи модару кӯдак як қатор корҳоро ба нақша гирифтаем. Бо ташаббуси маъмурияти шифохона шаш бригадаи духтурон ва ҳамширагон ташкил карда шудааст. Ин гурӯҳҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ деҳаҳо ва минтақаҳоро зери назорат мегиранд. Ҳар ҳафта ба деҳаҳову минтақаҳое, ки дар ин ҷойҳо аҳолӣ кору зиндагонӣ мекунад, сӯҳбатҳо мегузаронанд. Саломатии модарон ва кӯдакон таҳти назорати қатъист.

Ба ҳамагон маълум аст, ки модари солим фарзанди солим ба дунё меорад. Аз ин хотир саломатии модарон пеш аз таваллуд ва пас аз таваллуд зери назорати қатъии ин гурӯҳ мебошад. Чунин талошҳо буд, ки фавти модару кӯдак дар ноҳия сол то сол кам мешавад. Ба ғайр аз ин дар шифохонаҳо ва пунктҳои ёрии тиббии деҳот, ки шумораи он 6 то аст, барои ҳифзи модару кӯдакон ҷораву тадбирҳои муайян андешида мешаванд.

Чанде қабл аз ин дар вилояти мо сессияи ғайринавбатӣ баргузор гашта буд. Дар ин ҷо президенти кишварамон ба кору бори кормандони соҳаи тандурустӣ эродҳои қатъӣ гирифт. Воқеан ҳам дар кори мо камбудиҳои зиёд вуҷуд дошт. Баъд аз ин иҷлосияи маъмурияти шифохона бо роҳбаладии ҳокимият барои бартараф намудани камбудиҳо ҷораҳо андешид. Масалан барои таъмири касалхонаи марказӣ оҷилан як қатор корҳо анҷом дода шуданд.

Дар ноҳия беш аз 134 нафар шифокорон ва беш аз 400 нафар ҳамшираҳои шафқат баҳри беҳбуди беморон хизмат мекунанд. Аз ин хотир маъмурияти он ва ҳокимияти ноҳия аз шифокорон талаб мекунанд, ки бояд вазифаи дар дӯши худ будаpo ба ҷону дил иҷро кунанд. Қобили қайд аст, ки дар шифохонаи мо аз паси ҳар як қарору ҷорабиниҳои давлатӣ бо тарзи оҷилӣ корҳои зарурӣ ба нақша гирифта мешавад. Имсол соли эъзози кӯҳансолон эълон шудааст. Оиди амалӣ гаштани ин ташаббуси Президенти кишвар тадбирҳо андешида шуданд. Масалан, ҳамаи кӯҳансолоне, ки аз имтиёзҳои давлатӣ истифода мекунанд, бо гӯрӯҳҳо ҷудо карда шуданд, ному фамилияашон аниқ карда шуд, барои ба онҳо хизмат намудан духтурҳои махсус таъин гардиданд.

Ман ҳамчун роҳбари шифохона аз он хурсандам, ки сокинон аз хизматҳои шифокорон Худоёр Саидов, Йӯлдош Пардаев, Ёдгор Бозоров, Саттор Ҷӯраев, Ёқуб Тӯраев, Амрулло Турсунқулов, Баҳодур Нормаматов, Нуриддин Шоймардонов, Тоштемир Каримов, Гулнора Қозиева, Холназар Раҳимов, Нарзулло Раҷабов, Қудрат Ҳайдаров сипосгузоранд.



**Бӯрӣ ТУРДИЕВ,**
**сардухтури Шифохонаи марказии ноҳияи Бойсун.**

